2015

С. Аминов
Д. Нуриддинова

# БУЗУРГОН ДАР ВАСФИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

*Академияи таҳсилоти Тоҷикистон*

*Ба ифтихори Рӯзи забони давлатии*
*Ҷумҳурии Тоҷикистон*

# БУЗУРГОН ДАР ВАСФИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

**Душанбе**
**«Ирфон»**
**2015**

## Аз мураттибон

Забон ҳадяи бебаҳоест, ки барои одамизод ато шудааст. Он имконият медиҳад, ки инсон қонунҳои табиат ва рушди ҷомеаро дарк намояд, соҳаҳои гуногуни илму техника ва санъатро пеш бубарад, ба фарҳангҳои халқҳои дигар ҳамгиро гашта, панду андарз ва ҳикматҳои миллии дар худ фарогирифтаро ба намояндагони миллатҳои дигар интиқол диҳад. Ҳамзамон аз бозёфтҳои ба даст овардаи фарҳанги миллӣ ва нерӯҳои зеҳнии он ҳикоятҳо бикунад ва бо тамаддуни ҷаҳонӣ ҳамгиро гашта, дар ғанӣ гаштани фарҳанги намояндагони миллатҳои дигар мусоидат намояд.

Забон ҷони миллат аст ва бе забон миллат арзи вуҷуд карда наметавонад ва худи башарият низ бидуни забон вуҷуд надорад. Забон қобилияти инсонии муоширaт ва тафаккур буда, ҳам дар шакли забони модарӣ ва ҳам дар шакли маҷмӯи забони халқҳои дигари ҷаҳон арзи вуҷуд мекунад. Аз қадимулайём мардумон забони модарӣ ва дигар забонҳоро меомӯхтанд.

Бошуурона омӯхтани забони тоҷикӣ ва грамматикаи он бе шавқу завқ ба забон , ба боигарии беинтиҳо ва нерӯи бузурги таъсиррасонӣ ва ифоданокӣ ғайриимкон аст. Истифодаи бамавқеъю уҳдабароёнаи маводи шавқовару пурмуҳтаво дар дарс, корҳои берун аз синф, дар машғулияту маҳфилҳои доир ба забон бахшидашуда муҳаббати хонандагонро ба забони тоҷикӣ меафзояд ва муносибати эҳтиёткоронаи ононро ба забони тоҷикӣ бедор мекунад.

Вақте ки оид ба пайдоишу давраҳои рушд, зебоию гӯшнавозӣ ва нишотафзо будани забон ба хонандагон маълумот медиҳем, гуфтаҳои бузургону донишмандони хориҷию ватаниро овардан басо мувофиқ аст. Андешаю гуфтори сиёсатмадорону адибони хориҷию ватанӣ аз он гувоҳӣ медиҳанд, онон ба забони тоҷикии форсӣ ва дарӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир кардаанд. Ин нуктаро дар гуфтору навиштор ва баҳодиҳии онон баръало дидан мумкин аст.

4 тоҷик

**ББК 81.2тоҷик+84тоҷик7-н**
**А – 57**
**Б – 92**

Зери назари академики Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Маҳмадулло Лутфуллоев

**Муҳаррири масъул:** Сайфиддин Камолзода

Бузургон дар васфи забони тоҷикӣ /Мураттибон: С. Аминов ва Д. Нуриддинова, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. – Душанбе: «Ирфон», 2015. – 36 с.

*Дар ин ҷузва (брошюра) чанде аз гуфтори арбобони ҷамъиятӣ, олимон, аҳли адаби кишварамон ва мамолики наздику дур дар васфи забони тоҷикӣ гирд оварда шудаанд. Возеҳ аст, ки ин муште аз хирвор аст. Дар гуфторҳои овардашуда қадимию ширин ва хушсадою хушоҳанг будани забони тоҷикӣ зикр гаштаанд. Хондани ин порчаҳо дар қалби ҳар як фарди тоҷик, ба хусус насли ҷавон, шавқу завқ, муҳаббат ба забони модарӣ ва эҳсоси миллиро бедору қавитар месозад ва дар тарбияи худшиносии миллии насли ҷавон нақши басо бузург мебозад.*

*Мавод барои мактаббачагон, донишҷӯён, омӯзгорон ва дӯстдорони забони тоҷикӣ пешниҳод мегардад.*

**А 4602000000-26 / М501(12)2015 -2015**

**ББК 81.2тоҷик+84тоҷик7-н**

**ISBN 978-99975-0-237-7**

**© Академияи таҳсилоти Тоҷикистон., 2015.**

КИТОБХОНА
ДДОТ ба номи С. АЙНӢ
Уч/ф__________

Ҳамчун номи тоҷик забони тоҷик ҳам таърихи ғанӣ ва рангин дорад ва барои муҳофизати қаламрави ҳастии худ бо забонҳои бегона ҳамеша дар набард будааст.

*Эмомалӣ Раҳмон*

Забон барҷастатарин ва гӯётарин поя, шиноснома ва нишони бақои ҳар халқу миллат аст.

*Эмомалӣ Раҳмон*

Забони форсии дарӣ мақоми худро аз нав пайдо карда, дар даврони оли Сомон хамирмояи офаридаҳои бузурги илмиву адабӣ гардид.

*Эмомалӣ Раҳмон*

Аз ҳама муҳимаш он буд, ки дар ин давра забони тоҷикӣ аз нав ҷон гирифт ва тавассути софкории адибону олимон, заҳмати пайвастаи зиёиён хеле суфтаву ҷолиб гашт.

*Эмомалӣ Раҳмон*

Мо ҳазор сол давлати миллиии худро надоштем, вале дар тӯли ин муддат империя ва давлатҳои абарқудрати Осиёи Марказӣ забони тоҷикӣ-форсиро ба ҳайси забони давлатии худ интихоб намуданд.

*Эмомалӣ Раҳмон*

Рисолати зиёиён аз ҳидояти ҷавонон барои омӯзиш, таърих, фарҳангу забони модарӣ, дастовардҳои илм ва технологияи пешрафти муосир иборат аст.

*Эмомалӣ Раҳмон*

Онҳо сифатҳои беҳтарини забони тоҷикии форсиро зикр кардаанд, хондани андешаҳояшон ба ақлу фаҳм ва эҳсоси мактабиён таъсири амиқ мерасонад. Одатан чунин гуфторҳои пурмазмуну пурмуҳтаво ба мактаббачагон таъсири хосса мебахшанд ва бидуни маҷбуркунӣ худашон он порчаҳоро аз ёд мекунанд.

Гуфторҳои мазкурро омӯзгорон метавонанд бо чунин мақсадҳо истифода баранд:

- ба сифати мавод дар баромадҳо ва машғулиятҳои берун аз синф;
- чун мавод дар ҷамъомадҳои созмонҳои талабагӣ, дар ҷамъомадҳои пагоҳирӯзӣ (Забони тоҷикиро дӯст доред ва онро омӯзед! Тозагии забонро риоя кунед! Аҳамияти донистани забони тоҷикӣ—модариро фаромӯш накунед!...)
- ҳангоми таҷлили ҷашнҳо ва оро додани даҳлезу толорҳо ва кӯчаҳои назди муассисаҳои таҳсилоти умумӣ…
- муҳимтар аз ҳама афкору андешаҳои сиёсатмадорон, мутафаккирон ва донишмандону адибони гуногуне, ки оид ба сифатҳои забони тоҷикии форсӣ баён кардаанду намунаҳояш дар ин китобча гунҷонида шудаанд, дар баланд бардоштани ҳисси миллии шогирдон кӯмак расонида, нерӯи зеҳни милии насли ҷавонро тақвият мебахшад.

Ҷамъ овардану пешкаши омӯзгорон гардонидани чунин мавод вақти зиёдро талаб мекунад, ки ин кори оянда хоҳад буд. Бояд таъкид кард, ки таҳияи ин гуна мавод иқдоми аввалин буда, шояд аз камбудиҳо орӣ набошад. Мо дархосту пешниҳод ва эродҳои Шумо, омӯзгорони муҳтараму ҳамкорони азиз ва дӯстдорони забони ширини тоҷикиро, бо камоли эҳтиром мепазирем.

**Мураттибон:** Саидамир Аминов, саркотиби илмии АТТ, Дилбар Нуриддинова, омӯзгори мактаби №16 ш. Душанбе

Дӯст доштан ва омӯхтани забони модарӣ ҳаргиз маънои дар доираи забони худ маҳдуд мондан ва аз омӯзиши забонҳои дигар, аз ҷумла русӣ ва англисӣ, сарфи назар карданро надорад.

*Эмомалӣ Раҳмон*

Ҳар касе, ки забони модарии худро хуб медонад, барои ӯ омӯхтани забонҳои хориҷӣ осон мегардад.

*Эмомалӣ Раҳмон*

Чун сухан аз забону забондонӣ аст, мехоҳам хотирнишон намоям, ки омӯхтани забон ва равону суфта шудани он танҳо ба шарофати мутолиаи китоб муяссар мегардад.

*Эмомалӣ Раҳмон*

Забони тоҷикии форсӣ бо фасоҳату балоғаташ асрҳо боз оламиёнро дар ҳайрат гузоштааст.

*Эмомалӣ Раҳмон*

Забони тоҷикӣ дар ғирудорҳои шадид ва тохтутозҳои бераҳмонаи аҷнабиёни истилогар на танҳо ҳастӣ ва покии худро нигоҳ дошта тавонист, балки ғосибонро маҷбур кард, ки онро ҳамчун забони девону дафтар ва давлатдории хеш қабул намоянд.

*Эмомалӣ Раҳмон*

Қонунияти инкишофи забон чунин аст, ки вай мисли як ҷисми зинда бояд ба маҷрои зиндагӣ - таҳаввулоти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ мутобиқ шуда, имкони ифодаи мазмунҳои тоза ва талаботи мардумро дошта бошад.

Забони модарии мо низ, хушбахтона, аз чунин имтиҳонҳои мушкили таърихӣ гузаштааст.

*Эмомалӣ Раҳмон*

Ҳар гоҳе дар бораи арзишҳои миллӣ сухан меронем, бузургтарин сарвати бебаҳои халқи худ - забони модариамон - забони тоҷикиро бояд ҳамеша дар ёд дошта бошем.

*Эмомалӣ Раҳмон*

Масъалаи дигаре, ки ҳангоми қонунэҷодкунӣ ба мушоҳида мерасад ва ҳалли ҷиддии худро тақозо мекунад, ин тахия ва пешниҳоди лоиҳаи қонунҳо ба забони давлатӣ, истифодаи якхелаи истилоҳоти ҳуқуқӣ, таъмини низоми мантиқии меъёрҳои қонун мебошад, ки дар маҷмӯъ сифати қонунҳоро муайян мекунад.

*Эмомалӣ Раҳмон*

Забони зиндаи тоҷикии форсии дарӣ идомаи таърихии ҳамон забонест, ки «Авесто»-ро навиштаанд, «Худойномак»-у «Таърихи мулки Аҷам», «Шоҳнома»-ву «Маснавии маънавӣ»-ро навиштаанд.

*Эмомалӣ Раҳмон*

Барои озодона ба забони адабии тоҷикӣ сухан гуфтану суҳбат кардан бояд ҳар як зиёии тоҷик на танҳо кӯшиш намояд, балки ба дигарон намунаи ибрат бошад.

*Эмомалӣ Раҳмон*

Забони нобу шево ва ширину шоиронаи тоҷикӣ ҳанӯз дар дарбори Тоҳириёну Сафориён, сипас дар дарбори Сомониён чун забони идораи давлату коргузории вазоратхонаҳо ривоҷ пайдо карда буд.

*Эмомалӣ Раҳмон*

Дар хотир бояд дошт, ки забони модарӣ дар ҳама давру замон чеҳра ва шинохти ҳар миллат буда, имрӯз низ дар муаррифии тамаддуну фарҳанг ва давлатдории миллии мо омили муҳим дониста мешавад.

*Эмомалӣ Раҳмон*

Мо ҳеҷ гоҳ иқтидору имконоти забонамонро дар мақоми забони илм набояд нодида гирем ва онро камарзиш шуморем. Забони миллии мо тавоноии забони илмро, чунон ки аз аҳди Сомониён ва минбаъд дошта буд, ҳоло низ аз чунин имконот бархӯрдор мебошад.

*Эмомалӣ Раҳмон*

Дар замони истиқлолият забони тоҷикӣ мақоми давлатӣ пайдо карда, дар асоси меъёрҳои таърихӣ ва адабӣ ташаккул пайдо мекунад ва тадриҷан вазифаи забони муоширати байни намояндагони миллатҳои гуногуни сокинони кишварро ба дӯш мегирад.

*Эмомалӣ Раҳмон*

Истиқлолияти давлатӣ барои ташаккул ва рушди минбаъдаи забони давлатӣ ва меъёрҳои адабии он заминаҳои мусоид фароҳам оварда, ҳама гуна маҳдудиятҳо ва монеаҳоро дар роҳи ташаккули забон бартараф месозад.

*Эмомалӣ Раҳмон*

Забони модарӣ хишти нахустини пойдевори кохи миллат ва яке аз рукнҳои асосии давлатдории миллист.

*Эмомалӣ Раҳмон*

Забон баёнгари сарнавишти таърихии халқи тоҷик буда, бо истиқлоли ватани мо пайванди ҷовидонӣ пайдо кардааст.

*Эмомалӣ Раҳмон*

Имрӯз дар раванди ҷаҳонишавӣ мо бояд забону фарҳанги худро ҳамчун неъмати бузург эҳтиёт карда, онро аз таъсиру таҳдидҳои замона эмин дорем.

*Эмомалӣ Раҳмон*

Мо бояд забони давлатиамонро мисли оина поку пурҷило нигоҳ дорем ва онро аз ҳар гуна олоишу омехтагиҳои нозаруру ғайриматлуб ҳифз намоем.

*Эмомалӣ Раҳмон*

Забони адабии мо, ки дар аҳди Сомониён дар мақоми забони давлатӣ ташаккул ёфтааст, имрӯз дар замони давлатдории навин низ ба ҳайси забони давлатӣ қарор дорад.

*Эмомалӣ Раҳмон*

Мо намунаи забони миллиро, ки бар пояи забони ноби классикӣ устувор буда, беш аз ҳазору сад сол дар суннати шифоҳӣ ва хаттӣ ташаккул ёфтааст, дар ихтиёр дорем. Ҳифзи ин забон ба чунин шевоӣ ва зебоӣ ифтихори миллати мост.

*Эмомалӣ Раҳмон*

Риояи муқаррароти қоидаҳои имло ва меъёрҳои забони адабӣ барои ҳама воситаҳои ахбори омма ва муассисаҳое, ки ба табъу нашр машғуланд, ҳатмӣ мебошад.

*Эмомалӣ Раҳмон*

Хусусияти хоси санъати дилчаспи тоҷик аз он иборат аст, ки ин санъат дар заминаи санъати баланд ба вуҷуд оварда мешавад ва мустаҳкам мегардад. Тоҷикон анъанаҳои маданияти худро аз Фирдавсӣ, Ҳофиз ва Саъдӣ шурӯъ карда меоянд.

*И. В. Сталин*

Баъзан дар мо рафиқони рус ҳамаро омехта мекунанд: тоҷикро бо ӯзбак, ӯзбакро бо туркман, арманиро бо грузин. Ин, албатта, нодуруст аст. Тоҷикон халқи махсус ва дорои фарҳанги ғанӣ мебошанд ва дар шароити шӯравии моояндаи дурахшон ба онҳо тааллуқ дорад ва ба онҳо бояд Иттиҳоди Шӯравӣ кӯмак расонад. Ман ин қадаҳро барои он мебардорам, ки санъати тоҷик ва халқи тоҷик нашъунамо кунад, барои он ки мо, москвагиҳо, ҳамеша барои кӯмак кардан ба онҳо дар ҳамаи чизе, ки барояшон зарур аст, омода бошем.

*И. В. Сталин*

Аз бозе ки вақоеъро таърих қайд мекунад, то имрӯз дар диёри Мовароуннаҳр ва Туркистон, чунон ки як қавми муаззам ба номи тоҷик ё ки тозик истиқомат дорад, ҳамчунон забон ва адабиёти эшон ҳам ривоҷ ёфта омадааст. Ривоҷи забон ва адабиёти тоҷик дар Мовароуннаҳр ва Туркистон махсус ба асре ё тасаллути подшоҳе ва амире нест.

Чунончи мо мебинем, адабиёти тоҷик дар ин сарзамин дар аҳди Сомониён, ки ирқан форсизабон ҳастанд, чи қадар ривоҷ дошта бошад, дар замони авлоди Чингиз, Темур, Шайбонӣ, Астархонӣ ва Манғит, ки ирқан муғул, турк ва ӯзбак ҳастанд, ҳамон қадар ривоҷ ёфтааст.

Пас маълум мешавад, ки ривоҷи забон ва адабиёти тоҷик дар ин ҷоҳо маҳз ба сабаби тасаллути Сомониён ё ин ки муҳоҷирати эрониён набуда, сабаби ҳақиқии мавҷудияти як қавми бузурги ба номи тоҷик, ки мансуб ба ирқи орист, дар ин ҷоҳост.

*Садриддин Айнӣ*

Забони тоҷикӣ на фақат гавҳари ҳастии миллати мо, балки нишони барҷастаи фарҳангии қадимӣ ва камолоти он аст.

*Эмомалӣ Раҳмон*

Забони тоҷикӣ омили муҳими якдигарфаҳмии одамон ва пайвандиҳандаи риштаҳои дӯстӣ ва бародарии халқҳост.

*Эмомалӣ Раҳмон*

Ман мехоҳам якчанд сухан дар бораи тоҷикон гӯям. Тоҷикон халқи махсусанд. Инҳо на ӯзбаканду на қазоқ ва на қирғиз. Инҳо тоҷиконанд, аз ҳама қадимтарин халқи Осиёи Миёна. Тоҷик маънои тоҷдор буданро дорад, тоҷикон ва ирониён сазовори ин ном буданд.

Аз тамоми халқҳои мусулмони ғайрирусии Иттиҳоди Шӯравӣ тоҷикон ягона халқияти Эронианд, на туркӣ. Тоҷикон халқе ҳастанд, ки аз байни равшанфикронашон шоири бузург Фирдавсӣ баромадааст ва беҳуда нест, ки анъанаҳои фарҳангии онҳо аз ӯ сарчашма мегирад. Шояд шумо дар давраи даҳа ҳис карда бошед, ки ҳиссиёти бадеии тоҷикон нозук буда, фарҳанги куҳан ва завқи махсуси ҳунарӣ дар мусиқӣ ва суруд зоҳир мешавад...

*И. В. Сталин*

Тоҷикон халқе мебошанд, ки интеллегенсияи онҳо шоири бузург Фирдавсиро ба вуҷуд овардааст ва беҳуда нест, ки онҳо, тоҷикон, анъанаҳои маданиии худро аз ӯ шурӯъ карда давом медиҳанд.

*И. В. Сталин*

Бояд забони китобҳои мактабии тоҷикон забони форсии сода бошад. Ба иборати дигар забони аксарияти тоҷикони кӯҳистон бошад.

*Садриддин Айнӣ*

Забони авоми тоҷик забонест, ки вайро оммаи тоҷик фаҳманд, дар ҷумлабандӣ, дар ташбеҳҳо, дар киноя ва истиораҳо, дар зарбулмасалҳо ва дар дигар бобатҳо хусусият ва рӯҳи забони тоҷик риоя карда шуда бошад.

*Садриддин Айнӣ*

Забони шеърӣ то охири асри 19 бештарин тақлиди забони Бедил бошад ҳам, аз охирҳои ин аср сар карда ҳаракати майлон ба забони омма-забони содаи ҳамафаҳм ба майдон омад.

*Садриддин Айнӣ*

Нависанда будани забоншинос шарт нест. Вале забоншинос будани нависанда, ба фикри ман, ҳатмист.

*Садриддин Айнӣ*

Вақте ки арабон Эронро истило карданд, дар қатори ҳамаи осори Аҷам забон ва адабиёти Эронро ҳам аз миён бардоштанд. Бузургони ба дарбори араб муқарраб будаи Эрон ҳатто дар хонаи худ ҳам ба забони арабӣ ҳарф мезаданд. Аммо дар муқобили ин ҳуҷуми арабон Хуросон ва Мовароуннаҳр хеле истодагӣ кард. Ҳатто бухориён ба забони араб намоз гузориданро ҳам ба гардан нагирифтанд. Шайхон ва имомони араб маҷбур шуданд, ки ба бухориён намозро ба забони тоҷикии дарӣ омӯзанд. Ин воқеа дар таърихи Наршахӣ, ки аз қадимтарин таърихи Бухорост, мазкур аст.

*Садриддин Айнӣ*

Агар мо аз забони «Шоҳнома» монанди муъбад, пизишк, пӯзиш, ромишгар , даж, дажхим калимаҳои аз форсии қадим мондаро ва инчунин монанди або, абар одотҳоро, ки дар баъзе ҷо ба зиёдатии ҳамза ба ҷои **бо бар** кор фармуда шудаанд, ба назар нагирем, на ин ки сар то пои он ба оммаи тоҷикон фаҳмост, балки бештарини онҳо имрӯз дар забони зиндаи мардуми тоҷик кор фармуда мешаванд: ҳатто дар «Шоҳнома» он гуна луғатҳои форсӣ ва ба он гуна талаффуз кор фармуда шудаанд, ки имрӯз дар забони адабии Эрон кор намефармоянд, аммо дар миёнаи тоҷикон зинда аст. Баъзе онҳоро «сухани кӯчагӣ» гӯён, ҳатто баъзе тарҷумонон ва адибтарошони тоҷик ҳам кор намефармоянд. Аммо Фирдавсӣ кор фармудааст ва тоҷикон ҳам бо вай гап мезананд.

*Садриддин Айнӣ*

Дар дунё қавме нест, ки ҷудогонагии ҷузъии лаҳҷаҳои маҳаллиро дар назар гирифта, барои ҳар лаҳҷа як забони ҷудогона сохта бароварда шавад.

*Садриддин Айнӣ*

Баъзе касоне ҳастанд, ки ба сабаби ошно набуданашон забони тоҷикиро, яъне забони авоми тоҷикро забони форсии вайроншуда мепиндоранд. Лекин агар аз баъзе таъсирҳои ҷузъии забони ӯзбакӣ чашм пӯшем (масалан, кор фармудани «-мӣ» дар мавриди истифҳом), содатарин ва софтарин лаҳҷаҳои форсӣ забони тоҷикӣ аст.

*Садриддин Айнӣ*

Моро лозим аст, ки дар китобҳои мактабии тоҷикон забони кӯҳистони тоҷикро қабул кунем. Забони кӯҳистони тоҷик забони форсии сода, ки аз такаллуфоти эронӣ холӣ, ба луғатҳои арабии ношунида халт наёфта ва ба сарфу наҳви форсӣ мувофиқ аст. Оре, дар талаффуз назар ба забони форсиёни шаҳрӣ қадаре ғализӣ дорад. Маозолик соф ва мувофиқи қоида аст.

*Садриддин Айнӣ*

Забони авоми тоҷик забонест, ки вайро оммаи тоҷик фаҳмад, дар ҷумлабандӣ, дар ташбеҳҳо, дар киноя ва истиораҳо, дар зарбулмасалҳо ва дар дигар бобатҳо хусусият ва рӯҳи забони тоҷик риоя карда шуда бошад.

*Садриддин Айнӣ*

Дар забони зиндаи халқ чунин хазинаҳо ҳастанд, ки пур аз дурдонаҳои пурқимат мебошанд.

*Садриддин Айнӣ*

Ба фикри ман, дар кор фармудани луғатҳои маҳаллӣ бисёр эҳтиёт кардан, аммо чизҳои нағзи онро аз назар нагурезондан лозим аст.

*Садриддин Айнӣ*

Адабиёти хаттии форсизабон аз охири асри 1Х ва аввали асри Х дар тамоми соҳаҳои ҳаёти сиёсӣ ва маданӣи мамлакатҳои гуногуни Шарқи наздик ва миёна васеъ паҳн мешавад. Забони форсӣ на фақат барои мардуми тоҷик ва форс, инчунин барои халқҳои гуногуни ин нуқоти Шарқ-курдҳо, афғонҳо, ҳиндуҳо, мардуми туркзабони Озарбойҷон, Осиёи хурд ва Мовароуннаҳр дар ибтидои асрҳои миёна ( ва аксаран баъдтар ҳам) забони асосӣ ва забони асосии (ва ҳатто ягонаи) адабиёти хаттӣ ба шумор мерафт.

*Бобоҷон Ғафуров*

Забони имрӯзаи тоҷикӣ аз забонҳои ғарби эронӣ мебошад. Ба ақидаи забоншиносон асоси он лаҳҷаи ҷанубу ғарбии форс аст, ки он баъдтар ба тарафи шимол ва шимолу шарқ паҳн шуда, бисёр унсурҳои забонҳои гурӯҳи шимолу ғарбӣ, аз ҷумла, унсурҳои забони портиро ҳазм менамояд ва билохир, дар ин забон аломату хусусиятҳои бисёр лаҳҷаҳои ғарибэронӣ бо ҳам омезиш меёбанд.

*Бобоҷон Ғафуров*

Нависанда, ки устоди забон ҳисоб меёбад, бояд ӯ маънои суханҳоеро, ки дар асарҳояш кор мефармояд, пурра донад ва агар он сухан якчанд маънӣ дошта бошад, ҳамаи онҳоро ба ҷои кор фармуда мешудагиашон ёд гирифта, баъд аз он кор фармояд, вагарна дар пеши хонандагон шарманда мешавад.

*Садриддин Айнӣ*

Бояд нависанда аз ҷиҳати забон дар ҷое истад, ки дасти халқ ба вай расад ва бо як ишорат ва ҳимояти ӯ халқ ба паҳлуи ӯ баромада тавонад. Нависанда аз забон чӣ гуна бояд истифода кунад?

Ба фикри ман ва таҷрибаи ман, забони халқ анборҳои холинашавандаи моли хом аст. Вазифаи нависанда ин молҳои хомро ғундошта, дар майнаи худ кор карда, боб ва дилкаш намуда, ба халқ додан аст.

*Садриддин Айнӣ*

Дар забони маҳаллӣ баъзе калимаҳое ҳастанд, ки классиконаанд, бо вуҷуди дар як маҳал зинда будани ин гуна калимаҳо, онҳо ба дараҷае классиконаанд, ки баъзе касони бехабар онҳоро «забони қадими мурда» мепиндоранд ва дар архаизм медароранд... Вазифаи нависандагон ин гуна калимаҳоро умумӣ кардан аст.

*Садриддин Айнӣ*

Дар забони зиндаи халқи тоҷик чунин хазинаҳо ҳастанд, ки пур аз дурдонаҳои пурқимат мебошанд. Вазифаи мо, нависандагон, ана ҳамон дурдонаҳоро ёфта ба омма туҳфа кардан аст, на ин ки дар бораи умумӣ кардани баъзе луғатҳои хона ё маҳаллаи худ бикӯшем.

*Садриддин Айнӣ*

Тоҷикон дар вақти худ ба маданияти умумиинсонӣ саҳми бузург гузошта буданд. Аҷдодони бузурги мо – Рӯдакӣ, Абӯали ибни Сино, Фирдавсӣ, Ҷомӣ, Умари Хайём, Камоли Хуҷандӣ, Носири Хусрав барои халқи худ асарҳои ҷовидонӣ офарида, дар айни замон ба халқҳои дигар ҳам азиз ва муҳтарам гардиданд.

*Мирзо Турсунзода*

Пухтагии забони дарӣ ва хусусиятҳои услуби осори аз асри 10 боқимондаи он чунин тасаввуроте ба вуҷуд меорад, ки ин забон хеле пештар аз истилои араб дар қатори забони суғдӣ дар Мовароуннаҳр ва Хуросон давом намуда, майдони амалиётро ҳатто барои забони суғдӣ низ хеле танг карда бошад. Зеро агар чунин намебуд, забони суғдӣ баъд аз паҳн шудани ислом дар як муддати кӯтоҳ мавҷудияти худро аз даст намедод.

*Абдулғанӣ Мирзоев*

Дар асри 10 масъалаи дар доираҳои расмӣ кор фармуда шудани забони дарии форсӣ-тоҷикӣ, яъне забони халқи маҳаллӣ дар масъалаи суст гардидани роли забони арабӣ ва таъсири маркази хилофат, инчунин мустаҳкам намудани мавқеъ ва нуфузи Давлати Сомон, бешубҳа, аз вазифаҳои муҳимми сиёсӣ ба ҳисоб мерафт.

*Абдулғанӣ Мирзоев*

Яке аз муваффақиятҳои соҳаи ҳаёти маданӣ, ки дар асри 10 насиби тоҷик ва дигар халқҳои Хуросон ва вилоятҳои шарқии Эрон гардида, ба аҳамиятҳои муҳимми сиёсӣ низ соҳиб буд, дар қатори забони ҳукмрони давлатӣ-забони арабӣ ҳамчун забони адабии давлатӣ ҷорӣ шудани забони порсии дарӣ-тоҷикӣ мебошад.

*Абдулғанӣ Мирзоев*

КИТОБХОНА
ДДОТ ба номи С. Айнӣ

Ба забони тоҷикӣ дар асрҳои 9-10 адабиёти бой ба вуҷуд оварда шуд. Ба забони адабии тоҷик лаҳҷаҳои Хуросону Осиёи Миёна асл гардиданд. Забони адабии тоҷик ташаккул ёфта, бо он забон шоҳасарҳои оламшумули адабиёти тоҷику форс навишта шудаанд.

*Бобоҷон Ғафуров*

Дар ҳаёти таърихию маданӣ ва адабии халқҳои Эрон ва Осиёи Миёна роли нисбатан муҳимро забоне бозидааст, ки дар сарчашмаҳо бо номи «забони порсӣ» ё « забони форсӣ» оварда мешавад. Бо ин забон эҷодиёти даҳанакии халқ бе шакку шубҳа, ҳеҷ гоҳ (ҳатто дар замони истилои арабҳо ҳам) қатъ нашудааст.

*Бобоҷон Ғафуров*

...Ин забон дар ҷои холӣ ба вуҷуд наомадааст. Таърихи он на ин ки аз давраи истилои араб, балки аз асри 6 пеш аз милод шурӯъ мегардад, ки ин иддаоро ёдгориҳои хаттӣ тасдиқ менамоянд.

*Бобоҷон Ғафуров*

Забони адабиёти классикии тоҷику форс дар ҳудуди Мовароуннаҳр, Систон, Хуросон ташаккул ёфтааст.

*Бобоҷон Ғафуров*

Зебоии забон, ҳусни он, рехтагии он, ифоданокии он бояд дар саҳифаҳои китобҳои мо акс ёбад. Забонро халқ меофарад ва нависанда бояд ба халқ тароват ва ҳусни забонашонро нишон диҳад.

*Мирзо Турсунзода*

Забони мо хеле устувор аст, ки имрӯз ҳам ашъори Рӯдакиро аз нусхаи аслиаш мутолиа мекунем.

*Мирзо Турсунзода*

Забони умумихалқии тоҷик ба шакли хаттии он-забони адабӣ-маҳсули як қатор давраҳо буда, дар давоми асрҳо ба худ шакли муайян гирифтааст, инкишоф ёфтааст, бой ва суфта гардидааст.

*Носирҷон Маъсумӣ*

Қулфкушои дари илму દониш забон-забони адабии ҳар як халқу миллат мебошад.

*Носирҷон Маъсумӣ*

Забон шоҳкории ҷамъият аст ва халқ худованди он

*Носирҷон Маъсумӣ*

Забони адабии мо дар ҷараёни такомулот ва тараққиёт аз сарчашмаҳои пуртаровати об мехӯрад.

*Носирҷон Маъсумӣ*

Мо бояд забони худро, яъне ҳамон дарии таърихиро бо хусусиятҳои таърихиаш бидонем. Бахти мост, ки ин забон бо ҳамон ғано ва шукуҳу шавкаташ дар сарзамини худамон, дар зиндагии рӯзмарраи мардум ҳанӯз боқист ва қадри ин давлат бояд донист.

*Муҳаммадҷон Шакурӣ*

Ҳамин забон буд, ки асрҳои аср моро аз нобудӣ нигоҳ дошта, бо ҳастии худ ҳастии моро таъмин намуд, дар ҳамаи замонҳо, дар ҳамаи ҷабҳаҳо ба назари ҳама хайрхоҳону бадхоҳон миллати моро чун як муҷассамаи фикру ҳисси олӣ намудор кард.

*Муҳаммадҷон Шакурӣ*

Забони имрӯзаи тоҷикӣ чи навъ ки фактҳои фонетикӣ, лексикӣ ва морфологии шеваҳо ва худи забони адаби ҳозираи мо гувоҳӣ медиҳанд, инкишофи минбаъдаи ҳамон забони дарӣ аст.

*Абдулғанӣ Мирзоев*

Берунӣ ба мисли Абӯали Сино кӯшиш кардааст, ки забони дарӣ дар қатори забони арабӣ ҳамчун забони илмӣ ривоҷу равнақ ёбад. Мисоли барҷастаи ин иқдоми Берунӣ китоби «Тафҳим» мебошад. Дар ин асар термини илмҳои математика, астрономия ва география муҳайё карда шудааст.

*Муҳаммад Осимӣ*

Забони дарӣ тадриҷан ба хоки Эрони имрӯза ҳам паҳн гардида, ҷои забони паҳлавии сониро, ки бо воруди ислом дар илму маданият аз равнақ монд, ишғол кард. Ҳамин тавр, ба адабиёти наву бузурге ибтидо гузошта буд, ки то имрӯз на фақат боиси ифтихори тоҷикону эрониён аст, инчунин мардуми Осиёи Миёнаю Озарбойҷон, Афғонистон, Ҳинд, Покистон низ аз файзи он баҳраманд ва бо он фахр мекунанд.

*Муҳаммад Осимӣ*

Аз асри 10 сар карда, забони тоҷикӣ ё ки , чунон ки дар он вақт мегуфтанд, «форсии дарӣ» дар баробари забони арабӣ ба забони байналхалқии илму маданият табдил меёбад. Ба ин забон на танҳо тоҷикону форсҳо, балки озариҳо, ӯзбекҳо, мусулмонони Ҳиндустон низ асарҳои илмии худро менавиштанд. Мисли «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, «Гулистон»-у «Бӯстон»-и Саъдӣ, шоҳасарҳои адабии оламшумул, ғазалҳои оличанобии Ҳофиз ва Камоли Хуҷандӣ, рубоиҳои ҷовидонии Умари Хайём ба забони дарӣ бунёд шудаанд. Ба ин забон дар соҳаҳои гуногуни илмҳои табиатшиносӣ ва ҷамъиятшиносӣ асарҳои сершумори илмӣ навишта шудаанд.

*Муҳаммад Осимӣ*

Забон яроқи асосии нависанда, муҳимтарин омили тасвири бадеӣ, нахустин унсури адабиёт аст. Аз ин ҷост, ки забонро нағз надониста, онро ба ҳукму фармони худ надароварда, асари хуб, асари комил ва шоиста офаридан муҳол аст.

*Раззоқ Ғаффоров*

Забони адабӣ, ки шакли олӣ ва сайқалёфтаи забони умумихалқист, дар идомаи инкишофи худ ҳамеша аз забони зинда ва шохаҳои шевагии он ғизо гирифта, пай дар пай ғанӣ ва муқтадир мегардад.

*Раззоқ Ғаффоров*

Забони тоҷикӣ омили асосии ташаккул ва бақои халқи тоҷик аст, тавонотарин воситаи ваҳдат ва маърифати миллат аст.

*Шарофиддин Рустамов*

Забони адабии тоҷик таърихи ғанӣ ва омӯхтанӣ дорад.

*Шарофиддин Рустамов*

Забони форсии тоҷикӣ ҳамон форсии дарист, ки дар садаи 9-10 мелодӣ шакли адабӣ ба худ гирифт.

*Шарофиддин Рустамов*

Забони адабии тоҷик яке аз неъматҳои хеле бузургест, ки ба насли имрӯза насиб гардидааст. Нависанда, шоир ва олимони гузаштаи мо дар муддати асрҳо асарҳои бадеӣ, илмӣ ва фалсафии зиёде офарида, хазинаи бисёр пурбаҳои калима ва ибораҳоро ба вуҷуд оварда, ба мо ёдгор гузоштаанд, ки ин аз бузургтарин сарватҳои халқи мост.

*Раҳим Ҳошим*

Форсии дарӣ на танҳо дар аввал – дар овони ташаккули забони адабӣ ва айни авҷу барораш яке аз доротарин ва зеботарин забони аҳли биҳишт ба шумор мерафт, балки имрӯз пас аз ҳазор сол низ он хусусият, он қудсияташро аз даст надодааст. Имрӯз ҳам яке аз доротарин ва зеботарин забонҳои Шарқ ба ҳисоб меравад.

*Муҳаммадҷон Шакурӣ*

Забони адабии тоҷик роҳи хеле дуру дарози инкишофи таърихиро тай намуда, таркиби луғавии он ниҳоят ғанӣ ва сохти грамматикиаш такмил ёфтааст.

*Додоҷон Тоҷиев*

Ба андешаи мо, фонди луғавии забони мо ва сохти дастурии (грамматикии) он чунон устувор ва мустаҳкам аст, ки кӯҳҳои сар ба фалак кашидаи Тоҷикистонро мемонад. Ин фонд ва ин сохти дастурӣ роҳ намедиҳад, ки забони дигаре зӯр барояд.

*Маҳмадулло Лутфуллоев*

Дар аҳди Сомониён забони тоҷикӣ (дарӣ, форсӣ) ташаккул ёфт, ба забони миллӣ, илмию адабӣ, давлатию умумихалқӣ мубаддал гашт. Шуҳрати ин забон тамоми оламро фаро гирифт.

*Маҳмадулло Лутфуллоев*

Адабиёти лексикографӣ дар забони форсӣ (дарӣ) ниҳоят зиёд ва гуногун аст.

*В. А. Капранов*

Забони модарии мо, забони тоҷикӣ, таърихи дуру дароз дорад. Вай дар набардҳо ба забони дигар миллатҳои хурду калон обутоб ёфта, истиқлолияти худро нигоҳ дошта омадааст.

*Юсуфшоҳ Яъқубов*

Забони фасеҳи тоҷикӣ низ монанди ҳамаи забонҳо ҳамвора дар рушду камол аст.

*Баҳром Фирӯз*

Ҳар як инсони бомаърифат қабл аз ҳама забони модарии худро бояд ки саҳеҳ донад, дар ин забон озод сухан гуфта ва навишта тавонад.

*Баҳром Фирӯз*

Назме, ки ҳам ҳусни мазмун ва ҳам ҳусни алфоз дошта бошад, мисли «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, «Хамса»-и Низомӣ ва «Девон»-и Ҳофиз аст, ки он назми нишотафзо, ваҷдовар ва мусаллами кулл аст.

*Мирзо Фатҳалӣ Охундов*

Ҳар гоҳ Тоҷикистон бигӯед, мақсуд ҳамон сарзамине аст, ки аз оғоз ориёиёни эронӣ ва форсизабон дар ин ҷо зистаанд, сарзамини асосии забони дарӣ.

Забони дарӣ, яъне забони имрӯзаи мо дар ҳамон навоҳии Осиёи Миёна, ки қисмати умдаи он имрӯз ҷузви Тоҷикистон аст, падидор шуда, сипас ба мағриб ва шимоли Эрон, ки забонаш дар давраи пеш аз ислом забони паҳлавӣ будааст, рафта ва забони саросари Эрон шудааст. Аз ин рӯ, тоҷикон ҳамзабон ва ҳамнажоди мо ҳастанд ва ҳеҷ бегонагӣ бо мо надоранд.

*Саид Нафисӣ*

Забони форсии тоҷикӣ яке аз лаҳҷаҳои фасеҳи форсист, ки бо забони форсии адабӣ беш аз лаҳҷаҳои дигар қаробат дорад ва бисёре аз луғоти фасеҳи шеваи форсиро, ки назди мо фаромӯш шуда, дар ин кутуб метавон ёфт.

*Саид Нафисӣ*

Забони тоҷикӣ яке аз шохаҳои пурбори дарахти куҳансоли забони форсӣ мебошад.

*Раҳим Ҳошим*

Забони тоҷикӣ дар заминаи лаҳҷаи форсӣ ташаккул ёфта, дар асрҳои 9 ва 10 забони дарӣ ном гирифтааст. Дар давраи Ҳокимияти Сомониён, ки маркази он Бухоро буд, яке аз пойгоҳҳои муҳимми ташаккул ва нашъунамои ин забон будааст, дар забони дарӣ, тоҷикии имрӯза адабиёти бузург, хусусан, назми зебо ва шевое ба вуҷуд омад.

*Раҳим Ҳошим*

Забони имрӯзаи тоҷикӣ тамоми хусусиятҳои грамматикӣ ва сарвати луғавии адабиёти классикии моро нигоҳ дошта, роҳи ба таври васеъ истифода карданро аз сарвати забони зинда ва лаҳҷаҳои пеш гирифта, захираҳои луғавии худро аз лаҳҷаҳои гуногун такмил медиҳад ва бинобар ин барои тӯдаи васеъ мафҳум мебошад.

*Раҳим Ҳошим*

Олитарин зуҳуроту нишони мавҷудияти ҳар як миллат забон аст. Миллат бо ҳама шукуҳу шаҳомат, урфу анъана, маърифату фарҳанг, ахлоқ, биниш ва ғайра дар забони зиндаи худ аксандозӣ мекунад. Ин аст, ки забони халқеро надониста, ӯро шинохтан душвор аст.

*Баҳром Фирӯз*

Муҳаббат ба забони модарӣ як ҷузъи муҳаббати ватан аст ва касоне, ки ин забонро пушти по мезананад ва ба он ҳурмат надоранд ва наомӯхтаанд, ба халқи Ватан эҳтироми бардурӯғ доранду бас.

*Баҳром Фирӯз*

Беҳуда нест, ки ҳамватанони Ҳофиз метавонанд аз фарзандони диёри Рӯдакӣ ва Абӯҳафс рамзи қувват ва салобати забони диловези дариро биёмӯзанд ва аз ин ҳамдилӣ ва ҳамзабонӣ, ки мардуми тоҷик доранд, баҳра андӯзанд.

*Абулҳусайни Марринкӯб*

Дар ин лаҳҷаҳо (дар забони тоҷикӣ) бисёр хусусиятҳое мавҷуд аст, ки услуби Фирдавсиро ифода мекунад. Дар ин лаҳҷа ҷонишинҳо (бандакҷонишинҳои мафъул) феълҳо, иборахо нисбат ба лаҳҷаи Эрон ба таъсири туркӣ камтар дода шудааст.

*Ҳерман Вамбери*

Забони муосири адабии форсӣ, ки арабиалифбост, асри IX дар Эрони Шарқӣ ташаккул ёфта, дар Бухоро - пойтахти Сомониён ба нумӯи воло расид.

*Ричард Фрай*

Агар ҳамин алифбои манфури арабӣ намебуд, ки дар он баъзан шаш ҳарфи ҳамсадо як хел менамояду садонокҳо нестанд, ман барои дар 48 соат омӯхтани тамоми грамматикаи забони форсӣ сар мекардам.

аз *мактуби Энгелс ба Маркс*

Ашъори ринди сармаст Ҳофизро, ки забонаш ширину хушсадост, ба форсӣ хондан басо гуворост.

*Энгелс*

Мардуми форс дар тӯли панҷ аср аз ҳамаи шоирони худ фақат ҳафт тан (Фирдавсӣ, Низомӣ, Анварӣ, Румӣ, Саъдӣ, Ҳофиз ва Ҷомӣ) - ро эътироф кардаанд ва ҳол он ки дар байни шоирони нописандидаи онҳо мардони аз ман бузургтаре ҳастанд.

*Гёте*

Шуарои Тоҷикистон маъруфтарин ашъори форсиро сурудаанд. Шаҳрҳои бузург ва ободи ин ноҳия, ки аз қадимтарин шаҳрҳои Эрон шумурда мешаванд, мисли Самарқанду Бухоро ва Балх ва ғайра то замоне ки авлоди Темур салтанат карданд, ҳамеша дорулилми Эрон будаанд. Ҳанӯз бадеътарин ва зеботарин шоҳкориҳои меъморон ва кошисозони Эронро дар Бухоро ва Балху Самарқанд метавон ёфт. Бузургони Эрон аглаб аз ин сарзамин бархостаанд.

Ҳар китоби форсиро, ки мехонем, ҳамеша моро ба ёди ин водии ниёгон меандозад, чи қадар падарони мо дар он ҷо мадфун шудаанд! То авосити қарни дувоздаҳум сатре аз таърихи Эрон нест, ки як бор исми Бухоро ё Самарқанд ва ё Балх дар он бурда нашуда бошад. Орзуи ман он аст, ки ин сарзамини поки ниёгони худро зиёрат кунам ва як бор дар умри хеш ин забони ширини порсиро аз даҳони самарқандиёну бухороиён бишунавам!

*Саид Нафисӣ*

Нахуст он, ки забони форсии тоҷикӣ яке аз лаҳҷаҳои фасеҳи форсӣ буда, ба забони форсии адабии Эрон беш аз лаҳҷаҳои дигар қаробат дорад. Инчунин бисёре аз луғатҳои фасеҳ ва ширини форсӣ дар мо фаромӯшшударо аз ин китобҳо ёфтан мумкин аст, ки ба ин восита дар роҳи тоза ва соф кардани забони форсӣ ёрӣ метавон расонид.

*Хонларӣ*

Забони афсункоре, ки Ҳофиз шашсад сол пеш ғазалҳои диловези хешро бад-он забон назм кард, дар ҳамин сарзамин ва дар байни падарони ҳамин тоҷикон падид омада буд. Касе, ки тазкирнависони қадим аввалин шеъри форсиро бад-ӯ мансуб доштаанд, як тоҷик буд-Абӯҳафси Суғдӣ. Ба илова инкишофи ғазал низ, ки дар каломи Ҳофиз ба авҷи азамати хеш расид, дар қарнҳои нахустин марҳуми бузурги тоҷик-устод Рӯдакӣ буд.

Дар миёни шоирони даригӯй бо сомеа тафриқа наметавон гузошт. Зеро шеъри Ҷомӣ ва назми як шеърбоф яксон мутантан садо медиҳад. Дарӣ каломи гуворо ва фиребост.

*Олжас Сулаймон*

Забони шоирони форсӣ (тоҷикӣ) бо ҳар калима, ба ҳар ҳиҷо ва тобишҳои руҳпарвари худ дар толори бузург дили сомеонро ба хурӯш меовард, аз чашмҳо барқи шодӣ мепарид, дар чеҳраҳо ваҷду нишот хонда мешуд (дар асоси баромади М. Турсунзода)

*Олим Кешоков*

Хушсадоӣ ва хушоҳангӣ, ки аз қадим хоси назми Шарқ аст, низ хоси назми Мирзо Турсунзода буда, мисли манораҳои Самарқанд дар сатҳи биёбон баланд ба назар мерасад.

*Олим Кешоков*

***Ба ҳаводорони забони тоҷикӣ***

Қанд ҷӯй, панд ҷӯй, эй ҷаноб,
Ҳар чӣ меҷӯӣ, биҷӯ.
Бекарон баҳрест, гавҳар беҳисоб,
Ҳар чӣ меҷӯӣ, биҷӯ.
Лафзи шеъру дилбарӣ гӯӣ варо,
Ҳар чӣ мегӯӣ, бигӯ.
Форсӣ гӯӣ, дарӣ гӯӣ варо,
Ҳар чӣ мегӯӣ, бигӯ.
Баҳри ман танҳо забони модарист,
Ҳамчу шири модар аст.
Баҳри ӯ ташбеҳи дигар нест, нест,
Чунки меҳри модар аст.
З-ин сабаб чун шӯхиҳои дилбарам
Дӯст медорам варо.
Чун навозишҳои гарми модарам
Дӯст медорам варо!

*Муъмин Қаноат*

… Имрӯз дар Хуросон, махсусан Афғонистон, Бухоро ва Тоҷикистон намунаҳои равшане аз аз тарзи талаффузи забони дарӣ дар деҳот мавҷуд аст.

*Маликушшуаро Баҳор*

Дар ин нукта баҳс нест, ки дар давраи исломӣ, ҳангоме ки сухан аз забони дарӣ ё порсии дарӣ меравад, мурод забони Хуросон ва Мовароуннаҳр аст, ки тоҷикони имрӯза дар ин марзу бум нигоҳдоронада ва давомдиҳандаи ин забон ва ин адабиёт мебошанд.

*Забеуллоҳи Сафо*

Забони дарӣ ҳамон забони Балх ва Бухорост

*Маликушшуаро Баҳор*

Эътироф кардан лозим аст, ки забони тоҷикӣ, ба ибораи дигар «дарӣ» ё «форсӣ» хеле вақт дар баробари забонҳои паҳлавӣ ва суғдӣ ҷорӣ будааст, аммо «ноаён» ва бехат. Вай ҳамчун забони адабӣ дар ҳамон вақте «нохост» пайдо шуда монд, ки талаботи ҷамъият ба майдон оварда буд.

*Иосиф Брагинский*

Дар асрҳои миёна муодилае тарҳрезӣ шуда буд: арабӣ забони олимон, туркӣ забони сипоҳиён, форсӣ забони шоирон.

*Олжас Сулаймон*

Забони шеъри туркӣ то қарни гузашта ҳафтод фисад аз форсӣ таркиб ёфта буд. Нутқи шифоҳии тоҷикон ба забони адабии форсӣ ба лафзи дарист. Забоне, ки дар кӯраи шеъри Рӯдакӣ гудохта, дар байтҳои Фирдавсӣ обутоб ёфта, дар ёқути кабуди Хофиз ва лаъли Хайём ҷило ёфтааст.

Дарӣ тоҷи сари сафеди тамаддуни эронист.

*Олжас Сулаймон*

Дар забону дар даҳонаш монд-монд.
Ҳар сухан бо шири модар
Сахт шуд, дар устухонаш монд-монд.
Худ ба худ дар гӯшаи хоки диёр
Аз ҷудоӣ, аз ғарибӣ,
Ӯ гиристу гиряҳо бар обшорон ёд дод,
Лафзи кӯҳистоние бар боду борон ёд дод.
Рӯдҳоро Рӯдакидон кард ӯ,
Бодҳоро Анварихон кард ӯ.
Рӯзи ноободиаш тоҷик забон обод кард,
Дар забонаш давлати бедавлатӣ бунёд кард:
Давлате аз ҳарфи вазнин,
Давлате аз шеъри рангин.
Аз чунон шеъре, ки ҳар як мисрааш
Ҷӯяе аз хуни сарбозони ӯст,
Равзани нуре аз оташҳои зардуштони ӯст.
Гӯиё чун сайди маҷрух,
Ӯ ҷароҳатҳои худро
Гаштаю баргашта лесид,
Бо забони худ даво кард.
Дар сарояш тоҷик аз бахти нагун
Гарчи бо габру мусулмон
Ҳамсаро буд,
Ҳамрасулу ҳамхудо буд,
Дар забон, аммо ҷудо буд.
Аз сари сад минбар афтоданд нозирҳои ӯ,
То наафтанд аз забони хештан.
Дар сари сад дор ҷон доданд шоирҳои ӯ,
То наафтад бар замин қадри сухан...
Дар ҳадду сарҳадшиносии ҷаҳон
Сарҳади тоҷик забони тоҷик аст,
То забон дорад, ватандор аст ӯ,
То забондор аст, бисёр аст ӯ.

*Бозор Собир*

### *Забони ватан*

Ҳарчӣ ӯ аз моли дунё дошт, дод,
Хитаи Балху Бухоро дошт, дод,
Суннати волою девон дошт, дод,
Тахти Сомон дошт, дод.
Душмани донишгадояш «Дониш»-и Сино гирифт,
Душмани бе суннаташ девони Мавлоно гирифт,
Душмани санъатфурӯшаш санъати Беҳзод бурд,
Душмани бехонааш дар хонаи ӯ ҷо гирифт.
Дод аз даст гурзи Рустаму Сӯҳробро,
Барбарони нотавонеро тавоно кард ӯ.
Номи худро ҳамчу гӯри Рӯдакӣ аз ёд бурд,
Қотилони хешро машҳури дунё кард ӯ.
Қомати кӯтоҳи манғит
Аз манори каллаи аҳли Хурсон шуд баланд.
Пастии саҳрои Қипчоқ
Аз баландии Бадахшон шуд баланд.
Халқи тоҷик,
Халқи армон,
Об дар чашм,
Чун ятимон
Дар лабаш хашм,
Чун асирон.
Аз ватан то бар кафан ҳар буду нобуде, ки буд,
Бар кафанталбу ватанталбандаҳо бахшиду дод.
Душмани дарвеши худро
Шоҳу доро карду худ дарвеш шуд.
Дар миёни тангчашмоне, ки дар чашмонашон
Солҳои тангиро медид ӯ,
Гаҳ дар оташ,
Гоҳ дар об
Таҳ ба таҳ бо сӯхтанҳои манори суғдиёнаш сӯхт-сӯхт.
Бо харобободи девору дари Афросиёбаш шуд хароб,
Лек лафзи модарияш,
Ҳамчу шири модараш

### *Забони модар*

Чӣ сон азиз аст, басо лазиз аст,
Забони модар
Зи шираи ҷон гирифта ҷавҳар,
Дурдонарез аст,
Аз теғ тез аст,
Забони бурро-забони модар.
Дар арсаи кор
Ту ҳамсадоӣ, ҳам бебаҳоӣ
Забони корӣ, ҷозиба дорӣ
Ғайрату завқам
Ту кардӣ бисёр,
Зӯру тавоно забони модар.
Дар шӯришу ҷанг
Забони фатҳӣ,
Дар ғазаб ой, басо шуҷоӣ,
Адӯ кунӣ қир бо найзаю тир.
Шуда ҳамоҳанг
Ханҷари бурро-забони модар.
Чӣ сон азизӣ, басо лазизӣ,
Забони тоҷик
Ширинтар аз ҷон, зи нукта борик
Дурдонарезӣ,
Аз теғ тезӣ,
Ба ту шарафҳо, забони модар!

*Иброҳим Раҳматов*

Нуктае, к-он ҷаст ногоҳ аз забон,
Ҳамчу тире дон, ки он ҷаст аз камон.
Во нагардад аз раҳ он тир, эй писар!
Банд бояд кард селеро зи сар.
Чун гузашт аз сар, ҷаҳонеро гирифт,
Гар ҷаҳон вайрон кунад, набвад шигифт.

*Ҷалолуддини Румӣ*

## Тоҷик

Даври гардун он қадар хуштоҷро бетоҷ кард,
Он қадар шаҳро бо каҷкӯли гадо муҳтоҷ кард.
Он қадар истора аз бурҷи фалак бар хок рехт,
Он қадар Қорунро худ зиндагӣ тороҷ кард.
Тоҷики ман дар ҳама айём соҳибтоҷ монд,
Ҳар қадар тороҷ дида, боз беторoҷ монд.
Маънии тоҷикро гӯянд мардум-тоҷдор,
Маскани тоҷикро гӯянд мардум-кӯҳсор.
Хонаи тоҷикро гӯянд мардум-навбаҳор,
Ҳастии тоҷикро гӯянд мардум-бурдбор.
Маънии номи ту дар тасвири бепардози ман,
Ҷони ман,
Имони ман,
Виҷдони ман, овози ман!
Номдорӣ, тоҷдорӣ расми қавми хушгил аст,
Тоҷро дар зиндагӣ бар сар ниҳодан мушкил аст.
Тоҷро аз сар ниҳодан кори осон аст, лек
Дар ҷаҳон бе тоҷ будан марги ҳар соҳибдил аст.
Аз барои тоҷи номус халқи ман бисёр мурд,
Мурдаи тоҷик ҳам ҳамроҳи худ як тоҷ бурд.
Халқи ман дар лаҳзаи навмедӣ ҳам умед кард,
Аз азал бо чашмсерӣ хешро ҷовид кард.
Кӯҳро гаҳвораву харсангро болини тифл,
Дар баландӣ қулларо ҳамсояи хуршед кард.
Дилбари дилдодаву дорову афсар монд ӯ,
Доимо бар душманони худ музаффар монд ӯ.
Шаъни тоҷик қудрату номуси фарзандони ӯст,
Файзи дастурхони ӯ, муъҷизаи дастони ӯст.
Зӯри тоҷик дӯстони родмарди ӯ бувад
Меҳри тоҷик оташи Суғд аст дар чашмони ӯст.
Фахри тоҷик- ҳиммати ӯ, номи ӯ, имони ӯст,
Тоҷи тоҷик давлати ӯ, ишқи ӯ, виҷдони ӯст.
Қасри гулкорӣ надорад, лек соҳибдавлат аст,
Тахти заркорӣ надорад, лек соҳибдавлат аст.
Кӯҳи хоро дораду ҳайкал надорад, бок не !
Ҳайкали ӯ, қасри ӯ ному нишони миллат аст.
Чун Бухоро халқи ман пир асту чун Норак ҷавон,
Ҳамчу Сино оқил асту чун ҳақиқат ҷовидон!

*Гулрухсор*

Ин забон чун сангу ҳам оҳанваш аст
В-он чӣ бичҳад аз забон чун оташ аст.

*Ҷалолуддини Румӣ*

Эй забон ҳам ганҷи бепоён туӣ,
Эй забон, ҳам ранҷи бедармон туӣ.

*Ҷалолуддини Румӣ*

Порсӣ гӯ, гарчи тозӣ хуштар аст,
Ишқро худ сад забони дигар аст.

*Ҷалолуддини Румӣ*

Гарчи ҳиндӣ дар узубат шаккар аст,
Тарзи гуфтори дарӣ ширинтар аст.

*Муҳаммад Иқбол*

Дарӣ ин лаҳҷаи аҳли Хуросон,
Ҳаметобад ҳуросо ҷамолаш.
Самарқанду Бухоро буд аз оғоз
Мақарри шоирони пурҷалолаш.
Дар он ҷо Рӯдакӣ бо сӯзу овоз
Фароз овард то авҷи ҳилолаш.

*Доктор Афшор*

**БУЗУРГОН ДАР ВАСФИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ**

**С. Аминов., Д. Нуриддинова.** Великие умы о таджикском языке, -Душанбе: «Ирфон», 2015 - 36с.

Муҳаррири ороиш: Исоев А.
Муҳаррири техникӣ: Шарифов М.
Ношир ва ороишгар: Раҳимов Ш.

---

БИ. № 5319

---

Муассисаи нашриявии «Ирфон»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734018, ш.Душанбе, к.Н.Қарабоев, 17.
Email: irfon-company@mail.ru

Ба чоп 31. 01. 15 имзо шуд. Андозаи 60x84 1/16.
Коғази офсет. Ҷузъи чопии шартӣ 2,3.
Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 2,0.
Теъдоди нашр 200. Супориши №3

Дар КВД «Матбаа»
ш. Душанбе, Гузаргоҳи ҷанубӣ – 52
чоп шудааст.

9 789997 502377

«Ирфон»